ХУЛОСАИ
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии №____
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 14-уми январи соли 2021, №19**

Барои сазовор донистани Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи **«Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик 8-уми октябри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович 10-уми июли соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз** мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

2. **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Н.С. Шамсов имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ж. Гулназарзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон

Ҷанобович дар мавзӯи **«Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)»** ба талаботи таълифи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ва навоварона мебошад. Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ, баррасию муҳокимаҳои боэътимод таълиф шуда, натиҷагирӣ дар ҳар фаслу боб қобили таваҷҷуҳ ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Бобомаллаев, И.Ҷ. Нигоҳе ба услуби бадеии Аминҷон Шукӯҳӣ / И.Ҷ. Бобомаллаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Сабрина-К, 2014. – №4 (59). – С. 284-290.

[2-М]. Бобомаллаев, И.Ҷ. Шукӯҳӣ ва мусиқӣ / И.Ҷ. Бобомаллаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Сабрина-К, 2015. – №1 (62-1). – С. 247-251.

[3-М]. Бобомаллаев, И.Ҷ. Афкори адабиётшиносии Аминҷон Шукӯҳӣ / И.Ҷ. Бобомаллаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017. – №4/5. – С. 243-248.

[4-М]. Бобомаллаев, И.Ҷ. Лермонтов дар тарҷумаи Шукӯҳӣ / И.Ҷ. Бобомаллаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017. – №4/6. – С. 182-186.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмӯаҳои илмӣ ва нашриҳои дигар:**

[5-М]. Бобомаллаев, И.Ҷ. Аминҷон Шукӯҳӣ – адиби кӯдакон / И.Ҷ. Бобомаллаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни «25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе: Сино, 2016. – С. 409-410.

[6-М]. Бобомаллаев, И.Ҷ. Баъзе масоили услубии лирикаи Аминҷон Шукӯҳӣ / И. Бобомаллаев // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Маҷаллаи илмӣ. – №1-2 (3). – Душанбе: Истеъдод, 2017. – С. 167-178.
[7-М]. Бобомаллаев, И. Садриддин Айнӣ ва арзиши осори ӯ аз нигоҳи Аминҷон Шукӯҳӣ / И. Бобомаллаев // Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ (Мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ» бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ) (Мураттибон: Муртазо Зайниддинов, Қарор Нурқаев, Ҳафиз Раҳмонов). – Душанбе: Сино, 2018. – С. 204-215.
[8-М]. Бобомаллаев, И. Шукӯҳи сурудҳои Шукӯҳӣ / И. Бобомаллаев // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 13 март. – С. 7.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқова Зайналбӣ Кенҷаевна дар тақризи худ се эрод пеш овардааст, ки бештар хусусияти тавсиявӣ доранд: 1) Дар қисмати асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ дар баробари усулҳои истифодашуда методи шарҳи осори адабӣ низ зикр меёфт, хуб мебуд, чунки ба талаботи маводи таҳқиқшаванда мувофиқ аст; 2) Дар автореферат омехта шудани мавқеи истифодаи истилоҳоти илмӣ, махсусан, мафҳумҳои сабк ва услуб (саҳ. 20), ҳамсон зикр кардани сабки хуросонию бозгашт (саҳ. 10) ба назар расид, ки ба андешаи мо, тасҳеҳ мехоҳанд; 3) Дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ шеъри манзара ва таваҷҷуҳ ба унсурҳои табиат чашмрасанд. Ба назари мо, дар фасли “Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ” таҳлилу таҳқиқи ашъори ба мавзӯи табиат бахшидаи шоир зарурат дошт.

Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ҷумъабой Ҳамроев мусбат буда, ҳамчунин эродҳои зерин манзур шудаанд: 1) Дар матни автореферат, дар ду шакл навиштани номҳо, мисли: Ҳилолиён Аскар (саҳ. 5), Ҳ. Аскар (саҳ. 6), Аскар Ҳаким (саҳ. 6), А. Ҳакимов (саҳ. 7), А. Ҳаким (саҳ. 13) ба назар расид; 2) Дар муқаддима, қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ тӯл (аз саҳ. 3 то 7) кашидааст, агар муҳаққиқ онро ихтисор карда, саҳифаҳои аз ин ҳисоб ҳосилшударо ба боби сеюми рисола мебахшид, хубтар мешуд; 3) Агар аз таърихи тарҷума ва интишори ашъори А. Шукӯҳӣ ба забони ӯзбекӣ низ сухан ба миён меомад, хуб мебуд; 4) Ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 8, 17) ва китобатӣ (саҳ. 7, 12) дар баъзе саҳифаҳои автореферат намудор гашт, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Дар тақризи дигар, ки аз номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба корҳои илмии Муассисаи давлатии пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминов Абдулфаттоҳ мебошад, диссертатсияи номзадии

Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович кори анҷомёфта ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дониста шуда, дар қисмати асосҳои назарию методологии таҳқиқ номбар нашудани усулҳои мушоҳидаву мусоҳиба ва дар матни автореферат баъзан роҳ ёфтани ғалатҳои имлоиву техникӣ зикр гардидааст.

Дар тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Низомӣ Муҳриддин Зайниддин ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва рушди инноватсионии МДТ “ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода” Авғонов Алишер чаҳор нуктаи эроддор қайд гардидааст: 1) Унвони боби якуми диссертатсия, ки “Хусусиятҳои нав касб кардани назми солҳои 50-70-уми асри XX” мебошад, ба назари мо, ба тасҳеҳ ниёз дорад; 2) Муаллиф дар дараҷаи омӯзиши мавзӯъ аз иқтибосҳои зиёд истифода кардааст; 3) Дар саҳифаи даҳи фишурда ҷумлаи аз нигоҳи услуб нодуруст дида мешавад: “Тасвири олами ашё дар шеър одатан дар шакли манзаранигорӣ сурат мегирад ва нафақат зуҳуроти алоҳидаи табиат ва унсурҳои он, масалан обу замин, набототу ҳайвонот ва ғайра ба назар мерасад; 4) Дар фишурда баъзе иштибоҳоти имлоиву техникӣ низ ҷой дой дорад, масалан дар саҳифаҳои 9, 10, 12, 13, 17, 19, 20.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор донистаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ ба таҳлилу таҳқиқи таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар асоси маҷмӯаҳои шеърӣ, достон, гулчини ашъор ва асарҳои мунтахаби шоир бори аввал аз нигоҳи интиқодӣ дар адабиётшиносии тоҷик **коркард карда шудааст.**

Таҳқиқу баррасии ҷараёни ташаккул ва таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми садаи XX аз нигоҳи мавзӯю мундариҷа, шаклу услуби ифода, корбурди воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ, таъсири анъанаҳои куҳан ва рабти тасвиргароиву навпардозиҳо ба Аминҷон Шукӯҳӣ, омӯзиш, қиёс ва баррасии маълумоти сарчашмаҳои илмию адабӣ ва таърихию китобҳои дарсӣ оид ба зиндагинома ва мероси адабии ӯ, таҳқиқи густардаи хусусиятҳои мавзӯӣ, ҳунарӣ ва услубию бадеии ашъори шоир чун нуктаҳои асосии ҳимояшаванда **пешниҳод шудаанд.**

Аминҷон Шукӯҳӣ бо манзури дарунмоясозӣ дар анвои лирикии ғазал, тарҷеъоту таркибот, рубоиву дубайтиҳо тозакориҳои бунёдӣ

карда, онҳоро тараққӣ додааст. Минбаъд ин хидмат вусъат пайдо карда, каломи ҳунарии аз нигоҳи мавзӯъ, ҳунар ва тарзи тасвир барҷастатарро ба вуҷуд овард. Зеро Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон дар лирикаи ошиқонаю тасвирӣ намоянда ва симоҳои маъруфу шинохтаанд, ки дар таърихи адабиёт **исбот шудааст**.

Масъалаҳои таъйини навовариҳои Аминҷон Шукӯҳӣ дар шаклу мундариҷаи шеър, ташаккули каломи ҳунарии ботингарову ҳисбарангез тавассути осори шоир ва нақшу таъсири он дар таҳаввули баъдинаи назми муоисири тоҷикӣ **хуб мушаххас шудааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** диссертатсия ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ дар аснои таҳқиқи вижагиҳои шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи XX ва паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ ба унвонҷӯёну муҳаққиқони баъдӣ ёрӣ мерасонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили Л.И. Тимофеев, В.Г. Белинский, Э.Е. Бертелс, Б.В. Томашевский, В.М. Жирмунский, Вл. Луговской, А. Зарринкуб, А.Ш. Шахмухаммедов, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, А. Сайфуллоев, А. Раҳмонзода, М. Имомзода, А. Маҳмадаминов, М. Мирзоюнус, Ю. Акбарзода, А. Абдуманнон ва дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ **омӯхта шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ ва таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ **истифода бурда шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, таърихи тарҷума, назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён ва магистрантону аспирантони факултетҳои филологию рӯзноманигорӣ ёрӣ расонда метавонад

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ **асоснок карда шудааст**.

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ нақшу хидматҳои Аминҷон Шукӯҳӣ дар ташаккулу таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX, махсусан, лирикаи тасвирию ошиқона ва пандуахлоқӣ **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 8 сол дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт

мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад, ки аз ҷумла 4 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2021 дар бораи ба Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 18 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 7 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Дар овоздиҳӣ 18 нафар иштирок намуд. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 18 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.